Замимаи 1
бо фармоиши сардори Сарраёсати
маорифи шаҳри Душанбе
аз «13» 05 соли 2024, №68/11

Низомномаи
Озмуни «Омӯзгори муосир»

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Озмуни «Омӯзгори муосир» дар доираи Ҳафтаи илм, технология, инноватсия ва ихтироъкории наврасону ҷавонони шаҳри Душанбе бо мақсади амалисозии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» дар соли 2024 баргузор карда мешавад.

2. Озмун бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти эҷодии омӯзгорон, такмил додани раванди таҳсилот, дарёфт ва ҳавасмандгардонии омӯзгорони эҷодкор, рушди касбии омӯзгорон, дастгирӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар раванди таълим, рушди тафаккури техникӣ, тарғиби ҷаҳонбинии илмӣ, дарёфт ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадами педагогӣ гузаронида мешавад.

3. Дар озмун омӯзгорони фанни технологияи иттилоотии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе новобаста аз шакли фаъолият иштирок карда метавонанд.

4. Ҳадафи асосии Озмун:

- дарёфти омӯзгорони боистеъдод аз ҳисоби омӯзгорони фанни технологияи иттилоотии муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе, дастгирӣ ва ҳавасманд намудани онҳо;
- баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа;
- паҳн намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгорони пойтахт;
- ба вуҷуд овардани махзани ягонаи захираҳои кадрӣ.

## 2. САРПАРАСТ ВА МАСЪУЛОНИ ОЗМУН

5. Сарпарасти Озмун Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе мебошад.

6. Масъули баргузории Озмун Муассисаи давлатии «Маркази таҳлилӣ-иттилоотии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе» мебошад.

7. Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе ва шуъбаҳои маорифи ноҳияҳои пойтахт дар тарғиб, ҷалб ва чараёни баргузории Озмун иштирок мекунанд.

8. Муассисаи давлатии «Маркази таҳлилӣ-иттилоотии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе» ҷиҳати дар сатҳи баланди ташкилӣ баргузор кардани Озмун масъул буда, ғолибонро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд мегардонад.

## 3. ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ ОЗМУН

9. Ҷойи баргузории Озмун аз ҷониби Муассисаи давлатии «Маркази таҳлилӣ-иттилоотии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе» муайян карда мешавад.

10. Шумораи ғолибони Озмун набояд аз 3 нафар зиёд бошад.

11. Муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои довталабон барои иштирок ба Кумитаи тадорукот то 14 майи соли 2024 муқаррар карда мешавад.

12. Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ва Муассисаи давлатии «Маркази таҳлилӣ-иттилоотии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе» масъули гузарондани маросими тантанавии супоридани ҷоизаҳо ба ғолибони Озмун мебошанд.

## 4. ШАРТҲОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН

13. Дар Озмун омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, иштирок карда метавонанд.

14. Ғолиби Озмун ҳуқуқи то 3 сол такроран иштирок карданро надорад.

15. Озмун аз рӯи шартҳои зерин гузаронида мешавад:

I. Сабтином ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳо:

Давталабон барои иштирок дар озмун тариқи фосилавӣ худро дар сомонаи www.ictweek.tj сабти ном мекунанд. Портфолиои омӯзгор талаботи зеринро дар бар гирад:

- тавсифнома аз ҷойи кор;
- тарҷумаи ҳол;
- дастовардҳои педагогӣ;
- дастоварди шогирдон дар озмуну олимпиадаҳо;
- ҷанбаи педагогии фаъолияти омӯзгор (Маълумоти мухтасар доир ба усулу методҳои навовариву эҷодкории омӯзгор дар ҷараёни дарс).

Инчунин, меъёрҳои зерин низ барои баҳогузорӣ ба инобат гирифта мешаванд:

- рӯйхати корҳои эҷодии омӯзгор;
- рӯйхати китобу мақолаҳои ба нашр расида;
- ба доштани патент ё шаҳодатномаи ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифӣ бартарӣ дода мешавад.

*Эзоҳ: Омӯзгор бояд дар портфолио маҳорату малакаи касбӣ ва дастовардҳои педагогии худро муаррифӣ намояд.*

II. Қисмати амалии озмун:

- Қисмати амалии озмун, ки рӯзи баргузории он аз ҷониби Кумитаи тадорукот муайян карда мешавад, тавассути системаҳои автоматикунонидашуда гузаронида мешавад.

## 5. МЕЪЁРИ БАҲОДИҲӢ БА ДОВТАЛАБОН

16. Ҳайати ҳакамони Озмун ба дараҷаи маҳорат ва истеъдоди иштирокчиён аз рӯйи низоми 100-хола ба меъёрҳои зерин баҳо медиҳанд:

- 50 хол ба портфолио;
- 50 хол ба корҳои амалӣ.

## 6. ҲАЙАТИ ҲАКАМОН

18. Шумора ва ҳайати ҳакамон аз ҷониби Кумитаи тадорукот тасдиқ карда мешавад.

19. Ҳайати ҳакамон дар фаъолияти худ талаботи Низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

20. Ҳайати ҳакамон корҳои зеринро ба сомон мерасонад:

- довталабонро бо тартиби баргузорӣ ва шартҳо шинос менамояд;
- иҷрои шартҳоро аз ҷониби довталабон таҳлил ва баҳогузорӣ мекунад;
- натиҷаи бадастовардаи довталабонро ҷамъбаст ва ғолибро муайян менамояд;
- ҳангоми ба вуҷуд омадани баҳс ба Кумитаи тадорукоти озмун муроҷиат мекунад;
- натиҷа дар протокол дарҷ гардида, бо имзои ҳайати ҳакамон тасдиқ карда мешавад.

21. Ҳайати ҳакамон вобаста ба ихтисоси довталабон аз ҳисоби мутахассисони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ва зерсохторҳои тобеи он, филиалҳои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе, шуъбаҳои маорифи пойтахт, омӯзгорон ва олимону муҳаққиқон интихоб мешаванд.

22. Хулосаи ҳайати ҳакамони дар Кумитаи тадорукот баррасӣ ва тасдиқ карда мешавад.

23. Кумитаи тадорукот дар ҳолати ҷавобгӯй набудани хулосаи ҳайати ҳакамон ба талаботи Низомномаи мазкур (дар ҳолатҳои истисноӣ ва ё муайян гардидани иштибоҳоти техникӣ) ҳуқуқи бекор кардани онро дорад. Ҳамчунин, дар сурати ба вуҷуд омадани мушкилоте, ки дар Низомномаи мазкур пешбинӣ нашудаанд, Кумитаи тадорукот ваколати ҳалли онро дорад.

## 7. КУМИТАИ ТАДОРУКОТ ВА ВАЗИФАҲОИ ОН

24. Барои ташкил ва назорати баргузории Озмун Кумитаи тадорукоти Озмун (минбаъд - Кумитаи тадорукот) таъсис дода шуда, ҳайати он бо фармоиши сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе тасдиқ карда мешавад. Кумитаи тадорукот аз раис, котиб ва аъзоён иборат аст. Кумитаи тадорукот мақоми олии Озмун маҳсуб ёфта, ташкилу гузаронидан ва ҷамъбасти онро ба зимма дорад.

25. Салоҳияти Кумитаи тадорукот:

- таҳияи ҷадвали баргузории Озмун ва назорати он;
- тасдиқи тартиб, талабот ва тавзеҳот оид ба Озмун;
- назорати риояи талабот ва пешниҳоди тавсияҳо ба довталабони «Озмун»;
- тасдиқ ва эълони натиҷаи хулосаи ҳайати ҳакамони «Озмун»;
- корҳои ташвиқотӣ-тарғиботӣ оид ба баргузории Озмунро дар асоси низомномаи мазкур ва нақшаҳои тасдиқнамудаи Кумитаи тадорукот ба роҳ мемонад.
- ҷамъбасти натиҷаи ниҳоӣ ва пешниҳоди он ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе барои шиносоӣ ва маълумот.

## 8. ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ОЗМУН

26. Хароҷоти баргузории Озмун аз ҳисоби маблағҳои пешбинигардида ва дигар сарчашмаҳои маблағгузории бо қонунгузорӣ манънагардида пардохт карда мешавад.

27. Ғолибон аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва ташкилотҳо ба таври моддию маънавӣ ҳавасманд гардонда мешаванд.

28. Ба ғолибоне, ки ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ё Шоҳҷоизаро сазовор шудаанд, тибқи тартиби муқарраргардида ҷоиза ва мукофот дода мешавад.

29. Ғолибоне, ки ҷойҳои чорум, панҷум ва шашумро сазовор шудаанд, бо «Ифтихорнома»-и Сарраёсати маориф шаҳри Душанбе сарфароз гардонида мешаванд.

30. Ҷоиза ва мукофоти ғолибони дар маросими тантанавӣ аз ҷониби шахсони расмӣ супорида мешавад

31. Барои ҳавасмандгардонии ғолибони Озмун ва омӯзгорони онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сарпарастон иҷозат дода мешавад.

Замимаи 2
бо фармоиши сардори Сарраёсати
маорифи шаҳри Душанбе
аз «13» 05 соли 2024, № 69/11

Ҳайати
Кумитаи тадорукоти озмуни «Омӯзгори муосир»

– сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе – раиси Кумитаи тадорукот;

– директори Муассисаи давлатии «Маркази таҳлилӣ-иттилоотии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе» – котиби Кумитаи тадорукот.

Аъзо:

– директори Муассисаи давлатии «Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе»;

– директори Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврсони шаҳри Душанбе»;

– мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Исмоили Сомонӣ;

– мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Шоҳмансур;

– мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Фирдавсӣ;

– мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Сино;

– муовинони директори Муассисаи давлатии «Маркази таҳлилӣ-иттилоотии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе».

Замимаи 3
бо фармоиши сардори Сарраёсати
маорифи шаҳри Душанбе
аз «13» 05 соли 2024, № 69/11

Ҳайати
Комиссияи озмуни «Омӯзгори муосир»

– сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе – раиси Комиссия

– директори Муассисаи давлатии «Маркази таҳлилӣ-иттилоотии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе» – котиби Комиссия

Аъзо:

– директори Муассисаи давлатии филиали «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар шаҳри Душанбе

– директори Муассисаи давлатии «Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе»

– муовини сардори раёсати таъминоти методии Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе

– муовинони директори Муассисаи давлатии «Маркази таҳлилӣ-иттилоотии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе